# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович дар мавзуи «Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии Аброр Зоҳир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик)**

Яке аз масъалаҳои муҳимми адабиётшиносии замони мо ин таҳқиқ ва баррасии насри муосири тоҷик мебошад. Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович дар рисолаи «Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии Аброр Зоҳир» ин масъаларо ҳаматарафа ба риштаи тадқиқу таҳлил кашида, ба натиҷаҳои зарурӣ расидааст.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, 3 боб, 9 фасл, хулоса ва китобнома иборат буда, дар он масъалаи насри таърихии Аброр Зоҳир мавриди тадқиқу таҳлил қарор гирифтааст.

Дар қисмати муқаддима муҳиммияти мавзуи тадқиқ, дараҷаи тадқиқи мавзуъ баён гардида, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ низ возеҳан нишон дода шудааст. Вазифаи асосии унвонҷӯ ин аниқ намудани зиндагинома, мероси адабӣ, махсусан таҳлили вижагиҳои насри таърихии Аброр Зоҳир мебошад, ки муҳаққиқ аз уҳдаи тадқиқу таҳқиқи масоили мазкур ба хубӣ баромадааст. Дар бахши «Тавсифи умумии таҳқиқот»-и фишурдаи диссертатсия мақсад, вазифа, объект, мавзуъ, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашма ва пойгоҳи асосӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқот мухтасар баён гардидааст.

Диссертант дар адабиётшиносии муосири тоҷик нахустин шуда зиндагинома ва осори адабии нависанда Аброр Зоҳирро ба тарзи мукаммалу муфассал ба доираи тадқиқ кашидааст. Муҳаққиқ дар баробари таъйин ва таҳқиқи ҷанбаҳои вижаи насри таърихии нависанда, ҳамчунин симоҳои адабию таърихии онҳоро низ мавриди тадқиқу таҳқиқ қарор додааст. Сабабҳои ба насри таърихӣ рӯй овардани нависанда, маҳорати нигорандагӣ дар эҷоди симоҳои адабию илмӣ ва адабию таърихӣ дар романҳои таърихии «Мунтасир» ва «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» аз ҷониби муҳаққиқ нахустин бор дар адабиётшиносии тоҷик мавриди тадқиқ ва баррасии мукаммал кашида шудааст, ки шоистаи арҷгузорист. Нуктаҳои асосии тадқиқот, ки аз нуҳ банд иборат аст, дар фишурдаи диссертатсия нишон дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия, ки «Зиндагинома ва мероси адабии Аброр Зоҳир» ном дорад, дар он шарҳи ҳол ва таълифоти нависанда мавриди тадқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ пас аз тадқиқоти анҷомдода хулосаҳои амиқи илмӣ баровардааст, ки қобили қабуланд.

Боби якуми диссертатсия аз фаслҳои «Зиндагиномаи Аброр Зоҳир», «Мероси адабӣ ва тамоюлҳои эҷодии Аброр Зоҳир» ва «Нақду баррасии осори Аброр Зоҳир» иборатанд, ки дар онҳо муҳаққиқ ҳаёту эҷодиёт, осори манзуму мансур, филмнома ва мақолоти нақдиву публитсистии нависандаро ба риштаи тадқиқ кашидааст. Тибқи баррасии муҳаққиқ мероси нависанда дар давоми 50 соли зиндагиаш аз 28 роман, 17 повест, 4

гротеск, 2 очерк, 5 ҳикоя, 3 маҷмуаи ашъори назму насри бачагона, 1 маҷмуаи афкори панду андарзии банашррасида, ҳамчунин, зиёда аз 10 филмнома иборат мебошад.

Муҳаққиқ дар фасли дувуми боби аввал хулосаҳои илмии худро дар панҷ банд нишон додааст, ки қобили қабул ва мавриди эътимод мебошад.

Боби дуюми диссертатсия «Мушаххасоти насри таърихӣ дар эҷодиёти Аброр Зоҳир» ном дорад ва дар он муҳаққиқ мавзуъ, мундариҷа ва дигар мушаххасоти романҳои таърихии Аброри Зоҳирро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Фасли аввали боби дуюми диссертатсия «Мавзуъ ва мундариҷаи романҳои таърихии Аброр Зоҳир» ном дорад, ки дар онҳо қаҳрамонҳои асосии романҳои таърихии «Мунтасир» – Абуиброҳим ибни Исмоил, «Шикасти зулмот» – Абурайҳони Берунӣ мушаххасан тасвир гардидаанд.

Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия, ки «Инъикоси чеҳраҳои таърихӣ дар романи «Мунтасир» ном дорад, чеҳраҳои таърихии Сулолаи Сомониён ва дигар симоҳои таърихии он давра мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Аз ҷумла, зимни баррасии романи «Мунтасир» симоҳое чун Абуиброҳими Исмоил, Насри Илокхон, Абдумалик бародари Абуиброҳими Исмоил, Умархон, Арслон Балу, Алптегину Сабуктегин, Туғон ва ғайра зикр гардидаанд, ки ҳамагӣ шахсони воқеию таърихианд.

Ҳамчунин дар романи таърихии «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» низ муҳаққиқ симоҳои адабию таърихии асарро мушаххас намудааст, ки аз Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Амир Алишери Навоӣ, Мирзо Улуғбек, Шоҳрух, Низомиддин Аҳмад, Мавлоно Сайфуддини Аҳмад, Шайхшоҳ ва дигарон иборат мебошанд. Инчунин ӯ қаҳрамонҳои асарро аз рӯи рафтору афкорашон ба ду гурӯҳ: мусбат ва манфӣ ҷудо намудааст.

Муҳаққиқ зимни таҳқиқи романҳои таърихии «Мунтасир» ва «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ», ҳамчунин романҳои таърихии «Шикасти зулмот», «Арсаи набарди гургон», «Ёри ғор», «Муқовимат» ва ғайраро низ мавриди баррасӣ ва истифода қарор додааст, ки ин боиси мукаммалтар гардидани тадқиқот гардидааст. Унвонҷӯ хулосаҳои илмии худро аз ин боб дар 10 банд пешниҳод кардааст, ки ҳамагӣ ҷанбаи илмӣ доранд.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки «Вижагиҳои сабкии романҳои таърихии Аброр Зоҳир» ном дорад, дар он сабку нигориш, услуб ва дигар махсусиятҳои эҷодкории нависанда ба риштаи таҳлилу тадқиқ кашида шудааст.

Ин боб низ аз се фасл иборат буда, дар онҳо сабки баён ва мухтассоти забонӣ, истифодаи ашъор дар онҳо, шеваҳои истифодабурдаи зарбулмасалу мақол дар романҳои таърихии нависанда мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ дар охири ин фасл низ хулосаҳои тадкикро нишон додааст.

Дар қисмати охири бод муҳаққиқ хулосаҳои баровардаашро дар 10 банд пешниҳод кардааст, ки мавриди эътимоди аҳли илм мебошад.

Муҳаққиқ дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои тадқиқи

анҷомдодаашро дар дувоздаҳ банд баён намудааст, ки ҳамагӣ ҷанбаи илмӣ доранд. Аз номгӯи китобномаи диссертатсия маълум мегардад, ки унвонҷӯ барои илман асоснок намудани кор 53 манобеи адабӣ, 103 адабиёти илмӣ ва 23 фарҳангу луғатҳо (ҷамъ 179)-ро мавриди истифода қарор додааст.

Ёдовар бояд шуд, ки ҳар як кори анҷомёфта дар баробари муваффақиятҳо баъзе норасоиву нуқсонҳое низ дорад, ки дар оянда онҳоро ислоҳ кардан мебояд:

1. Дар боби аввали диссертатсия, ки аз се фасл иборат аст, дар автореферати он бо сабабҳои техникӣ ду фасл зикр гардидааст.

2. Ҳамчунин дар автореферати диссертатсия баъзе хатоиҳои имлоиву техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович дар мавзуи «Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии Аброр Зоҳир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) ҷавобгӯи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ,
сардори раёсати таҳсилоти миёнаи
умумии Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон Асомиддинзода Шарофиддин

Маълумот барои тамос:
Суроға:734000, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Нисормуҳаммад 13а
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: 900730008

Имзои номзади илмҳои филологӣ,
сардори раёсати таҳсилоти миёнаи
умумии Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Асомиддинзода Шарофиддинро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Ш. Саъдуллозода

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Маълумот барои тамос:
Суроға:734000, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Нисормуҳаммад 13а
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: 2213765,
05.02.2026